**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

## ГЕОГРАФИЯ

**УДК: 323+338 тадж., 112**

**АЗИМОВ Р., ХОЛНАЗАРОВ С**[1].

# ТАШАККУЛИ ШУУРНОКИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

Мақсади асосии маърифати экологӣ - ташаккул додани шуурнокӣ ва тафаккури экологӣ дар асоси ақидаҳои фаъоли ҳаётӣ мебошад. Пайдо шудани шуури экологӣ бо дарки нақши худ аз тарафи инсон дар замин алоқаи зич дорад. Дар замони тараққии тези илму техника, урбанизатсияи ҷамъият инсон то як андоза ҳис накард, ки худ ва муҳити зист дар биосфера ягонагии томро ташкил менамоянд.
**Калидвожаҳо**: Экология, маърифати экологӣ, маълумот, курси фанҳои табиатшиносӣ, тайёрии экологии насли ҷавон, андеша, таваҷҷӯҳ, масъулияти шаҳрвандӣ.

Ҳалли проблемаҳои экологии ҳозира муносибати салоҳиятнокӣ, илмҳои табиатшиносӣ, иҷтимоӣ ва гуманитариро дарбар мегирад, ки ба ҳамин роҳ инро ба сатҳи философии маърифат наздик мекунад.

Маърифати экологӣ хусусияти алоқаи байнифаннӣ дошта, дар ин ҷо нақши асосиро фанҳои табиатшиносӣ физика, биология, география мебозад. Дар омӯзиши ин фанҳо имкониятҳои васеъ барои ташаккул додани шуурнокии экологӣ мавҷуд аст. Ин имкониятҳо амалан дар ҳар як даре мавҷуданд, фақат зарур аст, ки онҳоро истифода намоем.

Дар чорчӯбаи як фан дар таълиму тарбияи экологӣ мо ҳеҷ гоҳ муваффақият пайдо карда наметавонем. Лекин имкониятҳои таълимии экологӣ дар раванди омӯзиши фанҳои гуногун якхела нест. Онҳоро мақсад, вазифа ва мазмуни фан муайян менамояд.

Мазмуни таълимии экологӣ хусусияти комплексӣ дошта, ҷиҳатҳои идеологи, илмӣ, ахлоқӣ - эстетикӣ, ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии шахсӣ ва амалиро дар бар мегирад. Барои амалӣ намудани онҳо дар курси мактабии фанҳои табиатшиносӣ нисбат ба дигар фанҳо шароити мусоид муҳаё карда шудааст. Чунки мақсад, вазифаи маълумоти илми табиатшиносӣ нисбат ба дигар фанҳо ба ҳам зич алоқаманд буда, якдигарро пурра менамояд. Мақсади таълими экологӣ, инчунин ташаккул додани муносибати масъулиятнок нисбат ба табиат мебошад, ки дар оянда бояд яке аз аломатҳои муҳим дар муносибатҳои иҷтимоии таълим мубадал гардад, яъне муносибати тамаъкориро нисбат ба табиат аз байн бурда, ба ҷиҳатҳои илмӣ, бадеӣ,

[1] **Адрес для корреспонденции: Холназаров С.** – д.п.н. КГТУ имени Носира Хусрава Республики Таджикистан. 735140. Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Кургантюбе, ул. Космонавтов, д.№34. тел.: 917060208

ахлоқӣ ва ҳуқуқии шуурнокӣ таъсир расонад. Вазифаи курси фанҳои табиатшиносӣ пеш аз ҳама ташаккул додани ҷаҳонбинии диалектикӣ- материалистӣ нисбат ба табиат, алоқамандии ҷамъият ва табиат; аз худ намудани хонандагон донишҳо ва маҳоратҳо барои самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ ва муҳофизати муҳити зист, баҳо дода тавонистан ба ҳолати табиӣ ва хоҷагидории маҳалли зист, тарбияи қоида ва меъёрҳои рафтор дар табиат мебошад.

Тасаввуроти ягонагӣ ва томияти экологӣ дар мазмуни фанҳои табиатшиносӣ ақидаи асосӣ мебошад. Бисёри онҳо, ба монанди рушд ва томияти табиат, тағйироти табиат дар раванди меҳнат, муҳити зист ва саломатии инсон, табиат ва инкишофи эстетикии шахсият ва ғайраҳо асоси маърифати экологиро ташкил медиҳанд.

Кушодани моҳияти онҳо дар раванди таълими физика, химия, биология, география барои дар хонандагон ташаккул додани фаҳмишҳои томияти табиату замин, ягонагии раванди онҳо, алоқаи табиийи онҳо бо инсон, инчунин бо фаъолияти хоҷагидории инсон, рафтори он дар табиат барои ташаккул додани шуурнокии экологи ёрии калон мерасонад.

Чунки ҳамаи тағйиротҳое, ки бо таъсири ҳодисаҳои табиӣ ва фаъолияти инсон дар табиат рӯй медиҳанд, ба шароити зиндагӣ ва саломатии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Фаҳмидани ин алоқамандӣ воситаи додани системаи донишҳо дар бораи аҳамияти компонентҳои алоҳида ва табиат дар пуррагӣ барои ҳаёт ва фаъолияти хоҷагидории инсон, оиди зарурияти самаранок истифода намудани захираҳои табиӣ ва барқарор кардани онҳо мебошад. Омӯзиши асосҳои илмии истифодаи табиат, дида баромадани масъалаҳо дар бораи нақши пешакӣ дарк намудани тағйирёбии муҳити зист дар раванди фаъолияти меҳнатии инсон ба хонандагон барои фаҳмидани хосияти хоси табиат ва муҳиммии баҳисобгирии онҳо ёрии калон мерасонад. Умуман курси мактабии фанҳои табиатшиносӣ ба хонандагон оиди дарки аҳамияти табиат барои ҷамъият ва фаҳмиши он ки табиат - сарчашмаи асосии қонеъ намудани талаботи ҳаётию маънавии инсон буда, он муносибати масъулиятнокро тақозо дорад, маводи бой медиҳад.

Мазмуни курси химия, физика, биология, географияи мактабӣ имкониятҳои объективии дар хонандагон ташаккул додани меъёрҳои ахлоқӣ ва тарзи рафтор муносибатҳои арзишнокро дорост.

Рушди муносибатҳои арзишнок барои аз тарафи хонандагон иҷро намудани корҳои амалии хусусияти баҳодиҳӣ дошта, ёрӣ мерасонад. Барои маърифати экологӣ кор карда тавонистан дар маҳалҳо, баҳои дуруст дода тавонистани ҳолати муҳити зист, ки талаботи барнома мебошад, аҳамияти калон дорад. Ин ба хонандагон барои дуруст баҳо додан ба рафтори худ дар табиат, дигар одамон ва интихоби муносибат нисбат ба табиат дар асоси қонунҳои ҷамъияту табиат ёрӣ мерасонад. Донистан ва риояи қоидаҳои рафтор дар табиат ҳангоми саёҳат, сафар, роҳпаймоии туристӣ натуралистӣ аз сатҳи ташаккулёбии ахлоқии он шаҳодат медиҳад.

Дар таълими экологӣ аҳамияти тарбияи эстетики, ки фанҳои табиатшиносӣ ҳиссаи калон мегузоранд, аз ахлоқӣ камтар нест. Дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ хонандагон тасаввуротҳои эстетикии хурдро бой менамоянд. Ба ин воситаҳои гуногуни таълим (расмҳо, кинофилмҳо, диафилмҳо) ва ғайраҳо ёрӣ расонида, дар онҳо дарки ҳақиқии симои махал, объектҳои гуногуни табиат ташаккул меёбад, дар кӯдакон қабули эстетикии муҳити зист рушд меёбад.

Ҳамин тариқ, мазмуни курси фанҳои табиатшиносӣ барои маърифати экологии хонандагон ёрии калон расонида, барои ин имкониятҳои васеъ доранд. Дар амалӣ намудан ва тайёрии экологии насли ҷавон, нақши асосиро муаллим, ташаббусу эҷодкории ӯ мебозад.

Давраи таълими мактабӣ, синнусолии хонандагон, шароити иҷтимоӣ ва табиии мавҷуда, барои ташаккул додани эҳтиёткорӣ нисбат ба табиат имкониятҳои васеъ дорад.

Дар синни хурди наврасӣ (9-11сола) хонандагон ба ниҳолшинонӣ ва нигоҳубин намудани растаниҳои сабз, паҳн кардани растаниҳои алафии сабз шавқу рағбати зиёд доранд. Дар мавриди ҷалби онҳо ба ин корҳо ҳамчун мотив суханони «Растаниҳо ҳамаро хурсанд мекунад», «Онҳо ба мо зеботар менамоянд», «Ҳаворо аз оксиген бой мегардонанд» ва ғайраҳо хизмат карда метавонанд. Дар ин синнусол аз забони онҳо шунидани таклифи оқилона ба монанди «аз дарахтон хаткашак, қалам тайёр мекунанд» ва ғайраҳо мушкил аст. Лекин онҳо дар вақти бозӣ ҳаракатҳое, ки ба табиат зарар меоранд, ба монанди «шохчаи дарахтонро шикастӣ» муҳокима менамоянд. Онҳо барои иҷро кардани корҳои нек «бо дасти худ шинонидани дарахт», «нигоҳубини гулҳо, дарахтон», «хубаш зиёдтар қоғазҳои кӯҳнаро ҷамъ кунем» аз «шикастани дарахтон» беҳтар аст, ҳар як кас 5-6 дарахт шинонда ба воя расонад» «Дар ин маврид Замин боз зеботар мешавад» таклиф пешниҳод мекунанд.

Дар синнусоли калони наврасӣ (12-15 сола) чуқуртар аҳамияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ доштани масъалаҳои экологиро ҳис менамоянд. Онҳо рафторҳои носолимиро нисбати табиат маҳкум менамоянд. Муносибати эҳтиёткоронаро нисбат ба табиатро бо мубориза барои сулҳ алоқаманд менамоянд.

Ба хонандагони ин синнусол, махсусан дар духтарон муносибати ахлоқӣ - эмотсионалӣ нисбат ба табиат зиёдтар аст. Баёни суханони «Табиат аз ҳама зеботар аст», «Табиат аз ҳама чизи зарур барои инсон аст», «Ҳолати инсон ба табиат вобаста аст», «Зебогии инсон ба табиат зич алоқаманд аст», «Табиатро бо ҳама зебоиаш бояд нигоҳ дошт» дурустии гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд.

Дар ин синнусол махсусан мотивҳои ватандӯстӣ ба монанди, «Ватан ин пеш аз ҳама табиати он аст», «Саҳми ман ба муҳофизати табиат, ин ёрӣ ба Ватан аст» мустаҳкам мегарданд. Ғамхории наврасони синнусол нисбат ба табиат дар корҳои мушаххаси онҳо зоҳир мегардад. Онҳо бо таклифи «Биёед ҷӯйро тоза кунем», «Дарахт шинонем» ва ба монанди инҳо баромад менамоянд.

Ба ин нигоҳ накарда дар ҳамин синнусол «амалиётҳои вайронкорӣ» мушоҳида карда мешавад. Наврасон ба оқибати амалиётҳои инсон ба табиат кам аҳамият медиҳад, дида наметавонанд, ки ин ҳаракатҳои носолим нисбат ба табиат чӣ оқибат доранд. Ин синнусоли мухолиф (зидди якдигар) аст. Барои ҳамин мушкилиҳои муайянро дар рушд ва мустаҳкам намудани маданияти (маърифати) экологии наврасон пеш меорад. Ба ин нигоҳ накарда кӯшишу ғайрати онҳо барои азхуд кардани донишҳои илмӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ, ки хусусияти муҳофизати табиат, муҳити зист доранд, лоиқи дастгирӣ мебошанд.

Бисёр хонандагони синну соли барвақти ҷавонон (16-17 сола), ҳамчун қоида, ба корҳои ҷамъиятии фоиданок оиди беҳтар намудани ҳолати муҳити зист аҳамияти лозимӣ дода, дар онҳо фаъолона иштирок мекунанд. Фикрҳои ҷолиб оид ба муҳофизати табиат баён намуда, муҳофизати табиатро вазифаи ҷонии ҳар як шахс медонанд.

Ҷавонон на танҳо зарари овардашудаи инсонро ба табиат мебинанд, балки муносибати бетарафонаи онро дарк менамоянд. Бисёр муҳим аст, ки дар тафаккури ҷавонон муносибати илмӣ ва самаранокро нисбат ба табиат аз ҷиҳати ахлоқу одоб ҷой намоем. Ба хонандагони синфҳои боло фаҳмондан зарур аст, ки «На танҳо аз табиат гирифтан даркор аст, балки ба он додан лозим, онро вайрон кардан ҳеҷ мумкин нест» як қисми онҳо орзӯ менамоянд. Мо меxоҳем Заминро на баъди садсолаҳо, балки ҳозир монанди боғи гулкарда бинем.

**Литература**

1. Сурагекина И.Т. Экологическое образование в школе // Советская педагогика.- 1990, №12. – С. 47-51
2. Сухорукова С.М. Основы экологическое культуры и хозяйствевованые природопользование. Кокшетау, 2000. -94 с.

**АЗИМОВ Р., ХОЛНАЗАРОВ С.**

## ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО СОЗНАНИЯ В ОБУЧЕНИИ ЕСТЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН

В статье рассматривается связь образования и естественно-научных дисциплин, формирование бережного отношения школьников к природе и условия формирования экологических знаний. Побуждение экологического сознания неразрывно связано с осознанием человеком своей роли на земле. Экологическое образование имеет межпредметный характер главную роль тут играют естественно - научные дисциплины: химия, физика, биология и география. Важно, что в сознании юношей научный и рациональный подход к природе сливается с нравственно -этическим.

Психолого - педагогические основы экологического образования и воспитания школьников разрабатывается с учетом возрастных особенностей.

**Ключевые слова**: формирование, экологическое сознание, образование, бережное отношение школьников к природе, возрастные особенности, соблюдение нравственных и гражданских норм, мышление, память, внимание, дифференцированный подход, оптимальные условия.

**AZIMOV R., HOLNAZAROV S.**

## FORMATION OF ING THE ECHOLOGICAL CONSCIONS REALISATIONS DURING TEACHING THE NATURAL SUBJECTS

In the article is given the connection of education and natural- scientific subjests forming the careful attitude of the pupils to nature, the conditions of forming the echological knowledges. The echological education has the mutual subject charactes, the mans role here plays the natural-scientitic subject as chemistry, physics, echology and geography. The psycology and pedagogical bases of echological education and educating of the pupils are worked up according to the growth up peculiarity of the children.

**Key words:** forming echologigal conscious, the careful attitude of the pupils to nature, obeying the moral and civil norms, thinking, memory, attention differential approaching, optimal conditions.